Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,146)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкили-иқтисодии танзими комплексии агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.**

Комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир дар таъмини амнияти озуқаворнии кишвар нақши муҳим дорад. Соҳаи кишоварзӣ муҳимтарин соҳае мебошад, ки бидуни он дигар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодӣ ба таври самаранок фаъолият бурда наметавонанд. Соҳаи кишоварзӣ на танҳо соҳаи иқтисодӣ, балки омили ҷойгиршавии аҳолии кишвар дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ин замина, фарҳанги маънавӣ, рӯҳияи миллӣ, хотираҳои таърихии халқ шакл мегиранд.

Дар шароити кунунӣ сиёсати пешгирифтаи давлат оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ, ки асосан аз соҳаи кишоварзӣ манша мегирад, на танҳо ҳамчун зироат, ашёи хом балки то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ки ба истеъмолкунанда мерасад равона шудааст. Дар ин самт ҳамчун занҷираи ягона, ташкилотҳо, хоҷагиҳо, сохторҳо ва соҳибкорони гуногун мавқеи хосеро ишғол менамоянд. Аз ру бояд қайд кард, ки мавзуи таҳқиқот хело мубрам ва таҳқи он хело ба мавврид мебошад.

Аз автореферат бар бар меояд,ки муаллиф рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии мамлакатро дар шароити рушди ислоҳоти иқтисодӣ аз бисёр ҷиҳат ба истифодаи самараноки кулли омилҳои истеҳсолот асоснок намудааст. Мукаммалгардонии базаи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ, ҷорӣ намудани комёбиҳои илмию техникӣ, беҳтаргардонии фаъолияти инвеститсионӣ ва инноватсионӣ дар минтақаҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи омилҳои аввалиндараҷа барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ аниқ карда шудааст.

Дар асоси шиносой аз автореферат бояд қайд кард, ки дар асоси ҳалли масъалаҳои зиёди вобаста ба рушди соҳаи бехатарии озуқаворӣи кишвар ва рушди соҳаи комплекси агросаноатии усул ва низоми чораҷӯиҳо оид ба ташкили иқтисодии танзими ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалияи соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва кишоварзӣ тавсияҳои асоснок ва манфиатовар пешниҳод шудааст.

Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки шиносоӣ бо мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки муаллифи он дониши васеи назариявӣ ва амалӣ дошта, объект ва предмети таҳқиқот, ҷиҳатҳои илмӣ амалии мавзуъро муфассал нишон додааст. Муаллиф дониши мукаммали назариявӣ ва таҳлили маводҳои амалӣ ба унвонҷӯ имконият додааст, ки дар автореферат ба таври мухтасар аз нуқтаи назари илмӣ асоснок хулосабарорӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои зарурирo бо эътимод тавсия намояд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ барои ҳалли масъалаҳои рушди комплекси агросаноатӣ равона шудаанд, ки арзиши таҷрибавии корро боло мебарад.

Дар автореферати тақризшаванда ғайр аз ҷанбаҳои муфиди аҳамияти илмию таҳқиқотӣ дошта, нуқтаҳои баҳсталаб мушоҳида мегардад, ки ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

- хуб мешуд, ки дар автореферат роҷеъ ба фаъолнокии лоиҳаҳои сармоягузории бонкҳои ватанӣ, ҷиҳати ҳавасмандгардонии рушди соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод мешуд.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки муаллиф дар иҷрои мақсади гузоштшудаи худ муваффақ шудааст, пешниҳоди мо характери тавсиявӣ дошта, ба сифат ва самаранокии рисолаи анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонад.

Ҳамин масъалагузориҳои зикршуда аз он далолат медиҳад, ки рисолаи илмии Назарзода Алишер Сафар дар мавзуи «Механизми ташкили-иқтисодии

танзими комплексии агросаноатӣ дар шароити гузариш ба рушди устувор» кори ба анҷомрасида буда, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Назарзода А.С. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ арзанда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи байналхалқии илми мактабҳои олӣ Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

«13» июня 2023 с.

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30**
**Телефон: +992917505401**
**E-mail: sirodj 1950 @mail.ru**